**«Тасдиқ мекунам»**
Ректори Муассисаи давлатии
таълимии «Донишгоҳи давлатии
Бохтар ба номи Носири Хусрав»,
профессор Давлатзода С. Х.
__________________
__________________2022 с

**ХУЛОСАИ**

маҷлиси васеи Шӯрои олимони факултети филологияи тоҷики Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав» ба диссертатсияи Соқиева Парвина Зафаровна дар мавзуи **«Маҳорати шоирии Низомии Ганҷавӣ (дар мисоли достонҳои «Хусрав ва Ширин» ва «Лайлӣ ва Маҷнун»)** барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021400-Адабиётшиносӣ (10.01.01-Адабиёти тоҷик, равобити адабӣ)

Диссертатсия дар мавзуи «Маҳорати шоирии Низомии Ганҷавӣ (дар мисоли достонҳои «Хусрав ва Ширин» ва «Лайлӣ ва Маҷнун») барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021400-Адабиётшиносӣ (10.01.01-Адабиёти тоҷик, равобити адабӣ) дар кафедраи адабиёти тоҷики Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав ба анҷом расидааст.

Муҳокима ва экспертизаи даври якуми диссертатсия дар ҷаласаи кафедраи адабиёти тоҷики факултети филологияи тоҷики Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав аз 30.04.2021 №10 гузаронида шудааст.

**Мутобиқати ихтисос ва номи мавзуъ ба шиносномаи ихтисос ва мухтавои диссертатсия.** Диссертатсия ба шиносномаи ихтисос ва муҳтавои он ба тартиби муқарраршудаи таълифи диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021400-Адабиётшиносӣ (10.01.01-Адабиёти тоҷик, равобити адабӣ) мутобиқат менамояд.

**Алоқамандии мавзуи диссертатсия ба самтҳои афзалиятноки рушди илм, техника ва технология дар ҷумҳурӣ.** Таҳқиқоти диссертатсионӣ ба сархати 9-и “Самтҳои афзалиятноки таҳқиқоти илмӣ ва илмию техникӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025 (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26.09.2020, №503)” иртибот дошта, масъалаи

гиромидошти забону адабиёт, осори гаронарзиши ниёгон ва таҳқиқи он дар шароити кунунӣ яке аз масъалаҳои актуалӣ ба шумор меравад.

**Мутобиқати теъдод ва мазмуни интишороти натиҷаҳои илмӣ ба муҳтавои диссертатсия ва автореферати он.** Диссертатсия дар сатҳи баланди илмӣ-таҳқиқотӣ таълиф ёфта, ба талаботи кори диссертатсионӣ пурра ҷавобгӯ мебошад. Автореферат ва 8 мақолаи интишорнамудаи диссертант, ки шаштои онҳо дар маҷаллаҳои аз ҷониби КОА ФР ва КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон пазируфташуда ба табъ расидаанд, мазмуни умумии диссертатсияро бозгӯ менамоянд:

1.**Соқиева П.З.** Маҳорати Низомии Ганҷавӣ дар истифодаи санъати талмеҳ [Матн] / П.З. Соқиева // Паёми Донишгоҳи давлатии Қӯрғонтеппа ба номи Носири Хусрав. Маҷаллаи илмӣ (Силсилаи илмҳои гуманитарӣ ва иқтисодӣ) –Бохтар, 2018. - №1/1 (51) – С.33-39.

2.**Соқиева П.З.** Корбасти санъатҳои ташбеҳ ва истиора дар «Хусраву Ширин» ва «Лайлию Маҷнун»-и Ҳаким Низомӣ [Матн] / П.З. Соқиева // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Маҷаллаи илмӣ (Бахши илмҳои филологӣ). –Душанбе, 2018, №2. – С. 237- 241.

3.**Соқиева П.З.** Симоҳои асосии достони «Хусраву Ширин»-и Низомӣ ва маҳорати симоофарии шоир [Матн] / П.З. Соқиева // Паёми Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав. Маҷаллаи илмӣ (силсилаи илмҳои гуманитарӣ ва иқтисодӣ). – Бохтар, 2018. №1/4 (57) - С.59-63.

4.**Соқиева П.З.** Образи зан дар достонҳои «Хусраву Ширин» ва «Лайлӣ ва Маҷнун»-и Низомии Ганҷавӣ [Матн] / П.З. Соқиева // Паёми Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав. Маҷаллаи илмӣ (силсилаи илмҳои гуманитарӣ ва иқтисодӣ). – Бохтар, 2019. №1/4 (68)- С.28-30.

5.**Соқиева П.З.** Истифодаи истилоҳоти мусиқӣ дар достонҳои «Хусраву Ширин» ва «Лайлӣ ва Маҷнун»-и Низомии Ганҷавӣ [Матн] / П.З. Соқиева // Паёми Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав. Маҷаллаи илмӣ (силсилаи илмҳои гуманитарӣ ва иқтисодӣ). – Бохтар, 2020. №1/1 (71) -С.50-55.

6. **Соқиева П.З.** Каломи бадеӣ аз нигоҳи Ҳаким Низомӣ [Матн] / П.З. Соқиева // Паёми Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав. Маҷаллаи илмӣ (силсилаи илмҳои гуманитарӣ ва иқтисодӣ). – Бохтар, 2022. №1/1 (95) -С.63-67.

**Таълифоти муаллиф дар маҷмуаҳои илмӣ ва нашрияҳои дигар:**

7. **Соқиева Парвина**. Бардоштҳои Мирзо Турсунзода аз «Хамса»-и Низомии Ганҷавӣ // Конференсияи ҷумҳуриявии «Нақши Мирзо

Турсунзода дар рушди адабиёт ва фарҳанги миллӣ». -Душанбе, 2021.- С. 288 -295.

**8. Соқиева Парвина**. Афкори интиқодии Низомии Ганҷавӣ дар «Хамса» // Конференсияи байналмилалии «Мероси хаттии Осиёи Марказӣ: масъалаҳои матншиносӣ, тарҷума ва накди мутуни адабӣ». -Хуҷанд, 2022.

**Мавҷудияти санадҳои тасдиққунандаи татбиқи натиҷаҳои илмӣ дар истеҳсолот ё имконияти татбиқ намудани онҳо.** Муҳтавои диссертатсия дар шакли маърӯзаҳо дар конференсияҳои илмию назариявии ҳайати профессорону устодони Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав мавриди муҳокимаву баррасӣ қарор гирифтааст. Диссертатсия дар маҷлиси васеи кафедраи адабиёти тоҷики Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав муҳокима гардида, ба ҳимоя пешниҳод шудааст. Аз рӯи мавзуи диссертатсия, дар маҷмуъ 8 мақола, аз ҷумла, шаш мақола дар маҷаллаҳои аз ҷониби КОА ФР ва КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсияшуда мунташир гардидааст.

Дастовардҳои илмии таҳқиқот дар он зоҳир мегардад, ки диссертатсияи мазкур барои муайян намудани масоили назарии адабиёти классикии форсии тоҷикӣ, бахусус нишон додани маҳорати шоирии Низомии Ганҷавӣ дар достонҳои «Хусрав ва Ширин» ва «Лайлӣ ва Маҷнун»-и шоир кумак карда метавонад. Дар баробари ин, матни умумии диссертатсия метавонад дар навиштани китобҳои илмӣ ва дарсии таърихи адабиёти форсии тоҷикӣ дар макотиби олӣ ва такмили дониши мутахассисони соҳа оид ба ҳунари шоирии эҷодкор дар достонҳои ишқӣ-романтикӣ мусоидат намояд.

Аҳамияти амалии таҳқиқ дар он аст, ки диссертатсия дар омӯзишу пажӯҳиши баъзе аз ҷузъиёти торикмондаи ҳаёту эҷодиёти Ҳаким Низомии Ганҷавӣ, омӯзиши рисолаҳои дигари илмӣ бахшида ба суханвари Ганҷа, таълифи корҳои курсӣ ва рисолаҳои хатм дар факултетҳои филологияи тоҷик, таълиму тадриси адабиёти классикии форсии тоҷикӣ, курсҳои махсуси омӯзишӣ оид ба низомишиносӣ барои донишҷӯён метавонад хидмати амалӣ намояд.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқ** дар интихобу ҷамъоварӣ ва накду баррасии маводи фаровони илмию бадеии вобаста ба мавзуи таҳқиқ зоҳир гардида, таълифи мақолаву гузориш ва маърӯзаҳои илмӣ вобаста ба мавзуи таҳқиқ аз дастовардҳои диссертант маҳсуб меёбанд.

**Пешниҳоди диссертатсия ба Шӯрои диссертатсионӣ.** Бобҳои диссертатсия мутобиқи мақсаду вазифаҳои гузоштаашуда тарҳрезӣ

шудаанд. Хулосаҳои диссертант илмӣ буда, ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба барасмиятдарории диссертатсия ва автореферат мувофиқ мебошад.

Диссертатсияи Соқиева Парвина Зафаровна дар мавзуи «Маҳорати шоирии Низомии Ганҷавӣ (дар мисоли достонҳои «Хусрав ва Ширин» ва «Лайлӣ ва Маҷнун») барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021400-Адабиётшиносӣ (10.01.01-Адабиёти тоҷик, равобити адабӣ) мувофиқат мекунад ва барои ҳимоя пешниҳод мегардад.

Хулосаи мазкур дар Шӯрои олимони факултети филологияи тоҷики ДДБ ба номи Носири Хусрав қабул шудааст. Дар ҷаласа иштирок доштанд: 19 нафар. Натиҷаи овоздиҳӣ: «тарафдор» 19 нафар, «зид»-нест, «бетараф»-нест, қарори № 9 аз 20.04. 2022.

**Раисикунанда:** раиси Шӯрои олимони факултети филологияи тоҷики Муассисаи давлатии таълимии “Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав” номзади илмҳои филологӣ Назаров М.

**Ташхисгарон:**
Доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи назария ва таърихи адабиёти Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи С. Улуғзода Давлатбеков Л.

Номзади илмҳои филологӣ, директори Маркази илмӣ-таҳқиқотии “Мавлоношиносӣ”–и ДДБ ба номи Носири Хусрав : Худоёрзода Р.

**Котиби ҷаласа:** котиби Шӯрои олимони факултети филологияи тоҷик Маҳмадалиева М.

Имзоҳои Назаров М., Казакова У., Худоёрзода Р., ва Маҳмадалиева М. –ро тасдиқ мекунам:
Сардори шуъбаи кадрҳои ДДБ ба номи Носири Хусрав: Шукурзод Ҷ.А.

**Нишонӣ:** 735140, вилояти Хатлон, ш. Бохтар, кӯчаи Айнӣ, 67,
Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав
тел.(+992 3222) 2-45-20, 2-22-53
E-mail: ktsu78@mail.ru